**Тақризи**

роҳбари илмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии докторанти кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст.

Мавзуи хатарҳои иттилоотӣ дар низоми бунёд ва таъмини амнияти иттилоотӣ дар стратегияи сиёсати хориҷии давлатҳои Осиёи Марказӣ мақоми хос касб карда, мавриди омӯзиши доираи васеи муҳаққиқон, коршиносон ва сиёсатмадорон қарор гирифтааст. Фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ вижагиҳо ва хусусиятҳои ба худ хос дорад, ки бо сатҳҳои гуногуни системаҳои иттилоотии мавҷуда, муассисаҳо ва субъектҳои фаъол ва инчунин сатҳи фарҳанги иттилоотии ҳар як давлат муайян карда мешавад. Ин аст, ки кишварҳои минтақа равиш ва бардошти хоси худро дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ интихоб кардаанд ва натиҷаҳои бадаст овардаи онҳо ҳам гуногун ба назар мерасад. Дар шароити рушди босуръат ва тавсеаи бесобиқаи хатарҳои иттилоотӣ, ки аз марзҳои байни давлатҳо бемамониат мегузаранд, ташкили дастаҷамъонаи мубориза бо онҳо зарурати эҷоди ниҳодҳо ва механизмҳои байнидавлатиро мубрам гардонидааст.

Мубрамии масъалаи мазкур дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар он дида мешавад, ки фазои Осиёи Марказӣ аз лиҳози иттилоотӣ хеле осебпазир гардидааст. Дар аксари ҳолатҳо маҳз заифӣ ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намондани муқовимати устувор дар баробари ҳамлаҳои иттилоотии қувваҳои манфиатдори геополитикӣ ва ҳаракатҳои тундраву ифротгаро заминаи зуҳури ташаннуҷи сиёсиву иҷтимоӣ ва инқилобҳои ранга дар давлатҳои пасошуравии минтақа гардидаанд. Дар замони муосир ҳифзи мамлакат ва ниҳодҳои он аз таҳдидҳои иттилоотӣ шарти муҳимми таъмини

амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад, зеро тавре ки мебинем хатару чолишҳои иттилоотӣ омили ноустувории ҷомеа, унсури таркибии бархурдҳои сиёсӣ, абзори аслии расидан ба мақсад ва харобкунандаи рукнҳои давлатдорӣ мебошад. Ин на танҳо талошҳои инфиродӣ, балки кори мунтазами давлатро тақозо мекунад, ки ба баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ, рушди ВАО-и миллӣ ва эҷоди низоми муассири назорати паҳншавии иттилооти бардурӯғ нигаронида шудааст.

Мақсади рисолаи таҳқиқотии диссертант омӯзиш, таҳлил ва мушаххассозии хатарҳои иттилоотӣ ва миқёс, сатҳ ва паёмадҳои таъсири онҳо ба фазои иттилоотии давлатҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар муносибатҳои байналмилалӣ нахустин таҳқиқоти муфассал доир ба масъалаи вазъи сиёсӣ ва мушкилотҳои ҷойдошта дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ (ҷанбаҳои таърихӣ) ба шумор рафта, аз ҷониби муаллиф бо фарогирии сарчашмаҳо ва таҳқиқоти олимони дохиливу хориҷӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти мустақилона анҷомдодаи доктрант (Phd) ба ҳисоб меравад. Дар он мақсад ва вазифаҳои илмӣ пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосабарории муаллиф асоснок карда шудаанд.

Докторант Фозилов Комрон Ҷамолович дар рисолаи илмии худ тавонистааст, ки зарурат ва мубрамияти мавзуи таҳқиқшавандаро хамаҷониба таҳлил, баррасӣ ва асоснок намуда, мақсад ва вазифахои онро ба таври возеҳ, муайян намояд, ки аз истеъдоди таҳлилию таҳқикии у гувоҳӣ медиҳад.

Сохтори рисолаи мазкур маҳз бо назардошти ҳадаф ва вазифаҳои муқарраркардаи муаллиф тарҳрезӣ шуда аз 3 боб, 6 зербоби фарогир бо сарсухану хулосаҳо ва феҳристи адабиёту сарчашмаҳои истифодашуда иборат аст. Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ, дараҷаи омӯзиши илмӣ, ҳадафи асосӣ ва вазифаҳои таҳқиқот, чаҳорчӯбаи хронологӣ, объект ва мавзуи таҳқиқот, пойгоҳи усулб ва назариявӣ, навоварии илмии кор, аҳаммияти назаривию амалӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудааст.

Боби аввали диссертатсия “Асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши мафҳуми хатарҳои иттилоотӣ” ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Зербоби аввали он ба “Мафҳум ва мушаххасоти хатарҳои иттилоотӣ дар адабиёти илмӣ.” бахшида шудааст. Метавон ба он фикри муаллиф розӣ шуд, ки то ба ҳол дар адабиёти илмии муосир мафҳум ва таърифи ягонаи эътирофшуда ва пазируфташудаи ин истилоҳ вуҷуд надорад, ки таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуъро душвортар мегардонад. Бо вуҷуди ин, муаллиф баъди таҳлили сарчашмаҳои сершумор имкон пайдо кардааст, ки ба мавзуъ равшанӣ андохта, паҳлулҳои гуногуни падидаи хатарҳои иттилоотиро ҷудо намуда, маҷрои асосии таҳқиқотро муайян намояд.

Зербоби дуюми боби аввал «Асосҳои методологии таҳкиқи хатарҳои иттилоотии муосир дар Тоҷикистон» номгузорӣ шуда, ҷанбаҳои муҳими методологии мавзуъро дар робита бо вазъи амнияти иттилоотии кишвар дахл мекунад. Тавре ки муаллиф ишора мекунад, тайи солҳои охир фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳадафи ҳамлаҳои ҷиддии иттилоотии беруна табдил ёфтааст, ки онҳо гуногунранг, гуногунҳадаф ва гуногунтаркиб мебошанд ва мушаххас намудани онҳо пойгоҳи устувори методологиро талаб мекунад. Аз ин нигоҳ, муаллиф бо истифода аз пойгоҳи услубиву назарӣ хатарҳои иттилоотиро дуруст ва асоснок тасниф намудааст ва таъкид менамояд, ки таҳдидҳои иттилоотӣ дар шароити ҷангҳои иттилоотии имрӯза ба як абзори тавоноии таъсири равонӣ ва иҷтимоӣ табдил ёфтаанд.

Боби дуюми рисола, ки «Фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ: махсусият ва мушкилоти он» ном дорад, бо таҳлили вазъият ва мавқеи фазои иттилоотии минтақа оғоз шудааст. Дар зерфасли аввал - «Вазъ ва ҳолати фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ» динамикаи рушди зерсохтори иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар қаринаи дигаргуниҳои густурдаи сиёсӣ ва иқтисодӣ амиқ таҳлил шудааст. Ислоҳоти дар давлатҳои минтақа анҷомёфта, тамоюлҳои нави сиёсати хориҷӣ ва тағйироти геополитикии ҷаҳонӣ - ҳамаи ин як ангезандаи иттилоотонии босуръати ҷомеа ва ҳамгироии он ба системаи мураккаби иттилоотию идеологии байналмилалӣ гардид. Тавре аз мундариҷаи

рисола бармеояд, фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ як низоми мураккаб ва босуръат рушдёбанда буда, мураккаб аз имконоту фурсатҳо ва хатарҳо будааст. Барои идора ва ҳифзи самараноки фазои иттилоотӣ ва рафъи мушкилоти мавҷуда муаллиф як силсила пешниҳодотеро ироа намудааст, ки ба назар гирифтани он барои мутахассисони соҳа муфид мебошад.

Зерфасли дуюми боби дуюм, - «Кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ: равишҳо ва мушкилиҳои кишварҳо» - мушкилоти кунунии кишварҳои ин минтақаро дар заминаи амнияти иттилоотӣ баррасӣ мекунад. Аз замони ба даст овардани истиқлолият дар соли 1991 кишварҳое чун Тоҷикистон, Туркманистон, Узбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон бо як қатор таҳдидҳои нав рӯбарӯ шуданд, ки амнияти миллии онҳоро зери хатар мегузоранд. Ҳар яке аз ин давлатҳо дар рушди сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии худ роҳи ягонаеро интихоб кардаанд, ки дар навбати худ, равишҳои онҳоро дар мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ муайян мекунад.

Тавре ки бармеояд, кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷустуҷӯи равишҳои имконпазири мубориза бо таҳдидҳои иттилоотиро идома дода, бо мушкилоти зиёд рӯбарӯ ҳастанд. Муҳим он аст, ки онҳо на танҳо стратегияҳои худро ба шароитҳои тағйирёбанда мутобиқ созанд, балки барои эҷоди фазои бехатари иттилоотӣ бо ҳамдигар ва созмонҳои байналмилалӣ фаъолона ҳамкорӣ кунанд.

Дар боби сеюми рисола, «Самтҳо ва дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ» имкониятҳои ҳамгироии минтақавӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ амиқ таҳлил шудааст. Дар зерфасли якуми ин боб ба «Самтҳои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар роҳи муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ дар чаҳорчӯбаи иттиҳоди ҳамгароӣ (ИДМ ва СҲШ)» тамаркуз шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сарфи назар аз ҳадафҳои зикршуда оид ба таҳкими амнияти иттилоотӣ, механизмҳои воқеии ҳамкориҳо дар доираи ИДМ ва СҲШ ҳанӯз ҳадафмандона нестанд.

Дар доираи ИДМ, гарчанде ки созишномаҳо оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ вуҷуд доранд, аммо татбиқи амалии онҳо аксар вақт бинобар набудани ҳамоҳангӣ байни кишварҳои узв, тафовут дар қонунгузории миллӣ ва бархӯрдҳо ба муайян кардани таҳдидҳои иттилоотӣ мушкил аст. Масалан, набудани методологияи ягонаи арзёбии хатарҳои иттилоотӣ ва вокуниш ба онҳо самаранокии амалиёти муштаракро ба таври назаррас коҳиш медиҳад. Илова бар ин, мубодилаи нокифояи иттилооти оперативӣ дар бораи таҳдидҳои киберӣ ва мавҷуд набудани системаи ягонаи мониторинги фазои иттилоотӣ имкони пешгирӣ ва безараргардонии ҳамлаҳои иттилоотиро маҳдуд мекунад. Бояд қайд кард, ки сатҳи нобаробари рушди технологияҳои рақамӣ ва инфрасохтори иттилоотӣ дар кишварҳои узви ИДМ низ мушкилоти иловагиро ба вуҷуд меорад.

Зерфасли дуюми боб - "Дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ"- ба таҳлили дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ бахшида шудааст. Таҳдидҳои иттилоотӣ ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ, аз иқтисод ва сиёсат то суботи иҷтимоӣ ва муносибатҳои байнимиллӣ фаро гирифта шудаанд. Ин таҳдидҳо гуногунҷанба буда, маълумоти бардурӯғ, таблиғот, ҳамлаҳои киберӣ, таҳрики афкори ҷомеа тавассути хабарҳои қалбакӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин паҳншавии мақсадноки ғояҳои ифротгароӣ ва дахолат ба корҳои дохилии давлатҳоро дар бар мегиранд.

Ҳамкории бомуваффақият ҳалли як қатор масъалаҳои мураккаб, аз ҷумла ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, эҷоди стандартҳои ягонаи арзёбӣ ва таснифоти таҳдидҳои иттилоотӣ, инчунин таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ дар фаъолияти сохторҳои таъсисдодаро тақозо мекунад.

Хулосаи рисола ҷамъбасти мантиқии таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, муаллиф ҳамзамон пешниҳодҳои ҷолиброр, ки барои вусъат ва умқёбии

ҳамкориҳо доир ба масъалаи пешгирии хатарҳои иттилоотӣ дар фазои кишварҳои Осиёи Марказӣ мусоидат хоҳанд кард, пешниҳод кардааст.

Мазмун ва мундариҷаи рисола, пайдарҳамӣ ва васли мантиқии бобҳои рисола, таҳлилу натиҷагириҳои мантиқан асоснок карда шуда ва баёни андешаҳо далели он аст, ки муаллиф малакаи хуби таҳлилу баррасии ҳодисаю воқеаҳоро дорад, ки бо истифода аз услубу равишҳои тоза таҳқиқоти мукаммалро анҷом додааст.

Бо назардошти омилҳои зикршуда метавон гуфт, ки таҳқиқоти диссертатсионии Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» ҷавобгӯи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири
кафедраи минтақашиносии хориҷии
факултети муносибатҳои байналхалқии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Самиев Х. Д.

хиёбони Рӯдакӣ, 17, ш. Душанбе, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Телефон:** (+992 -37) 221-62-25; (+992) 918799091
**Email:** samiev.kholakhmad@mail.ru.

Имзои Самиев Х. Д – ро
тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.
14.02.2025